Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7)

## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба кори диссертатсионии Ҳаёзода Қиёмуддин Амонулло дар мавзуи «Самтҳои таъмини устувории фаъолияти бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод гардидааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисос ва самтҳои илмӣ**

Диссертатсияи Ҳаёзода Қиёмуддин Амонулло, ки дар мавзуи «Самтҳои таъмини устувории фаъолияти бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ» барои ҳимоя, ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шуда, мувофиқи шиносномаи ихтисоси илмии 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) таълиф гардида, ба зербандҳои 10.5. Устувории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стратегияи рушди он, 10.11. Арзёбии пойгоҳи сармоявии бонк: арзёбии муқоисавии таҷрибаи ватанӣ ва хориҷӣ, роҳҳои инкишоф, 10.12. Такмили низоми идоракунии хавфҳои бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, 10.19. Методология ва механизмҳои ташаккул ва истифодаи захираҳои бонкӣ, 10.21. Захираҳои бонкӣ ва ташкилкунии онҳо. Сиёсати бонкӣ дар соҳаи ҷалби воситаҳо. Проблемаҳои истифодаи самараноки захираҳои бонкӣ мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти илмии диссертатсия**

Таъмини устувории фаъолияти бонкҳо яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб рафта, дар ҳалли мушкилоти иҷтимоии ҷомеа нақши муҳим мебозад, зеро пешниҳоди хизматрасониҳои молиявӣ барои фаъолиятҳои гуногуни соҳибкорӣ ва аҳолӣ ба ташаккули бисёр шаклҳои устувори хизматрасонӣ, тиҷоратӣ ва истеҳсолӣ, ва афзоиши норасоии захираҳои молиявӣ дар бонкҳо оварда мерасонад.

Мавриди зикр аст, ки низоми бонкӣ дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳила ба марҳила ташаккул ёфта истодааст. Вазифаи душвор барои муассисаҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин баланд бардоштани устувории молиявӣ ва худидоракунии фаъолияти самаранок дар бозори молиявӣ мебошад, ки бо фоизи баланди захираҳои ҷалбшуда алоқаманд аст.

Мавриди ба зикри хос аст, ки низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даҳсолаи охир мушкилотҳои ҷиддии молиявиро сипарӣ намуда истодааст. Ин бо он алоқамандӣ дорад, ки бухрони ҷаҳонии молиявӣ на танҳо ба иқтисодиёти давлатҳои абарқудрат хусусан Федератсияи Россия, мамлакатҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил, балки ба рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таъсири худро расонид. Пеш аз ҳама, бухрони молиявии ҷаҳонӣ ба коҳишёбии интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ оварда расонид, ки ҷараёни мунтазами маблағҳоро ба иқтисодиёти миллӣ то андозае таъмин менамуд.

Бухрони молиявии идомаёбанда ба устувории низоми бонкӣ низ таъсири худро расонид, баъзе бонкҳои калонтарини тиҷоратӣ аз қабили ҶСК «Тоҷиксодиротбонк», ҶСК «Агроинвестбонк», ҶСП «Тоҷпромбонк» ва ҶСП «Фононбонк бо сабаби нарасидани захираҳои молиявӣ муфлис шуданд. Ба ғайр аз ин, аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон иҷозатномаи аксарияти ташкилотҳои молиявии хурд бозпас гардонида шуданд.

Боварии аҳолӣ ба низоми бонкии Тоҷикистон ба таври назаррас поён рафта, пасандозгузорони бонкҳои тиҷоратӣ то ҳол наметавонанд пасандозҳои худро пурра бозпас гиранд. Муаммои асосӣ дар низоми фаъолияти бонкӣ ин норасоии захираҳои молиявӣ, таҷаммӯи пасти сармоя (капитализация), нотавонмандии идоракунӣ аз рӯйи дороиҳо ва бозоргирӣ ба ҳисоб рафта, инчунин дар ин ҷараён боз дигар сабабҳо низ вуҷуд доранд, ки муътадилӣ ва устувории молиявии бонкҳоро таъмин карда наметавонанд.

Дар ин робита баландбардории устувории молиявии низоми бонкӣ, таҳияи имкониятҳои баландбардории он муаммои хеле мубрам ба ҳисоб меравад. Дар ин самт васеъгардонии базаи захиравӣ ва афзоишдиҳии таҷаммӯи сармоя (капитализация), ва захираҳои бонк яке аз омилҳои муҳими баландбардории устувории бонкҳо ба ҳисоб меравад.

Бо назардошти мушкилоти ҷойдошта диссертатсияи Ҳаёзода Қиёмуддин Амонулло меҳнати анҷомёфтаи илмии тахассусӣ мебошад, ки роҳи ҳалли нави як масъалаи таъхирнопазири илмиро ифшо намудааст. Омӯзиши нокифояи мушкилоти назариявӣ ва амалии самтҳои таъмини устувории фаъолияти бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ

ин худ гувоҳи муҳиммияти интихоби мавзуи таҳқиқоти илмӣ, ҳадаф ва вазифаҳои онро нишон медиҳад.

## Дарачаи навгонии натичаҳои дар диссертатсия бадастомада

Навгониҳои илмии таҳқиқот дар асосноккунии пешниҳоди илмии масъалаҳои асосии ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намудор шуда, аз самтҳои зерин иборат аст:

1. Муаллиф дар асоси омӯзишҳои амиқи илмии доктринаҳои олимони хориҷию ватанӣ ҷанбаҳои асосии устувории бонкҳо ва таъмини мафҳуми «устувории бонкҳои тиҷоратӣ» муайян карда, мазмуни иқтисодии устувории молиявӣ ва суботи молиявии бонкҳои тиҷоратӣ пайдо карда аст;
2. Аз ҷониби муаллиф омилҳои берунӣ ва дохилии таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ таҳқиқ карда, ва гуруҳбанди карда шуда, нишондиҳандаҳои асосии тавсифкунандаи устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ баҳодиҳи гардида, хусусиятҳои таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ пайхас карда шудаанд. Исбот шуда аст, ки яке аз сабабҳои паст гардидани норасоии захираҳои моливӣ дар муассисаҳои қарзӣ кам шудани пасандозгузорон ва паст шудани харидории аҳолӣ дар бонкҳо мебошанд;
3. Бо истифода аз маълумотҳои оморӣ, факту далелҳои илмӣ ҷараёни барқароршавии баъдибуҳронии низоми бонкии кишвар, нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ таҳлил карда шуда, дар росто хавфу хатарҳои низоми бонкӣ ва мушкилоти ҷойдоштаи таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ баҳодиҳи гардида аст;
4. Бо истифода аз усулҳои маъмули таҳқиқот вазъи ҳозираи устувории бонкҳои тиҷоратӣ ва таҳлили молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, таҳлил ва гурӯҳбандӣ карда шуда, имконияти истифодаи методикаҳои муносиб барои таҳқиқи пойгоҳи захиравӣ ва таҳлили кифоятии захираҳои молиявии бонкҳои тиҷоратӣ муайян ва самаранокии онҳо тасдиқ карда шудааст;
5. Аз ҷониби муаллиф роҳҳу усулҳо ва самтҳои равнақи таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ муайян гардида, барои устувор ва такмили модели танзим ва назорати низоми бонкӣ ба хотири таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ тадбирҳо таҳия ва тавсияҳо пешниҳод карда шудаанд;
6. Нишондиҳандаҳои молиявии ҶСК «Бонки Эсхата» аз қабили пардохтпазирӣ ва даромаднокӣ, дороиҳои бонкӣ, сифати сандуқи қарзии бонкҳо, қарздиҳӣ ба иқтисодиёт таҳлил гардида аст. Пешниҳод карда

мешавад, ки идоракунии дороиҳо дар асоси пардохтпазирӣ бояд ба тавсияҳои БМТ, таҷрибаи худӣ ва ҷаҳонии таҳкими устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ такя кунад;

7. Исбот шуда аст, ки яке аз омилҳои бартараф намудани норасоии захираҳои молиявӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ ин динамикаи афзоиши пасандозҳо дар муассисаҳои қарзӣ мебошад. Аз ин рӯи таҳқиқ гардид аст, ки чун сарчашмаи муҳими бартараф кардани норасоии захираҳои молиявии дар низоми бонкӣ ва ҷалби бештари захираҳои молиявӣ аз корбурди дурусти унсурҳои сиёсати маркетингӣ вобаста аст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**

Диссертатсияи пешниҳодшуда номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулосаю пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашударо фаро мегирад. Матни умумии диссертатсия 191 саҳифаро ташкил дода, дорои 16 расм, 26 формула ва 26 ҷадвал мебошад. Татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар бобҳо ва зербобҳои алоҳида мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор гирифтааст, ки тавсифи онро дар алоҳидагӣ иброз доштан мумкин аст.

Дар муқаддима мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқ асоснок карда шуда, тавсифи умумии таҳқиқ таҳия гардида, нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия ва истифодаи натиҷаҳои он кушода шудаанд.

Дар боби якуми диссертатсия **«Асосҳои назариявӣ ва методологии таъмини устувории фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ»** мавриди таҳқиқот қарор дода шудааст, ки унвонҷӯ бештар ба масъалаҳои асосҳои илмии таҳқиқи устувории бонкҳои тиҷоратӣ, омилҳои таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ ва нишондиҳандаҳои арзёбии он ва хусусиятҳои таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ мавриди таҳқиқоти илмӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст, ( саҳ. 14-61).

Дар зербоби 1.1. унвонҷӯ иброз медорад, ки аз нигоҳи методологӣ метавонем идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ бояд дар алоқамандии се сатҳи асосӣ баррасӣ шавад: 1) якҷоя бо устувории иқтисодиёти миллӣ; 2) алоқамандии устувории бонки тиҷоратии алоҳида бо устувории низоми бонкӣ; 3) аз нигоҳи бонки тиҷоратии алоҳида ҳамчун унсури сохтории низоми бонкии миллӣ, (саҳ. 24). Ҳамзамон ба ақидаи муаллиф устувории молиявии бонки тиҷоратӣ – маҷмуи аломат ва хосиятҳои фаъолияти он мебошад, ки новобаста аз табдили муҳити иқтисодӣ ва рақобат дар бозор аз иқтидори бонк барои дар ҳар лаҳзаи вақт ба уҳдадориҳои худ ҷавоб додан, тамоми хизматрасониҳои

иҷозатшударо ба мизоҷони худ пешниҳод кардан ва аз ин ҳисоб гирифтани фоида шаҳодат медиҳад, ( саҳ. 27) .

Дар зербоби 1.2. муаллифи рисола муҳаққиқ омилҳои таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ ва нишондиҳандаҳои арзёбии он мавриди арзёбӣ қарор дода, зикр менамояд, ки омилҳои таъмини устувории бонки тиҷоратӣ асосан ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: берунӣ ва дохила. Омилҳои берунӣ, ки мо онҳоро ҳамчун омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва молиявӣ тасниф кардем, дар таъмини устувории бонки тиҷоратӣ нақши муҳим бозида, аз муҳити макроиқтисодии фаъолияти он вобаста мебошанд. Онҳо бевосита аз фаъолияти худи бонки тиҷоратӣ вобаста нестанд. Дар навбати худ, барои ташаккули муҳити макроиқтисодии мусоид дар мамлакат шароити созгори иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ зарур аст, (саҳ. 34). Омилҳои дохилии таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ (вазъи сармоя, сифати дороиҳо, вазъи менеҷмент, сатҳи даромаднокӣ, бозоргирӣ ва пардохтпазирии бонк) нақши асосиро иҷро менамоянд ва ҳамзамон дар таҳти таъсири омилҳои берунӣ қарор доранд. Барои муътадил будани таъсири онҳо таъмин намудани шароити мусоиди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ ва заминаҳои ҳуқуқӣ зарур мебошад, ки мо онҳоро қаблан дар доираи омилҳои берунии таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ баррасӣ карда будем, (саҳ. 39).

Дар зербоби 1.3. муаллиф ҳангоми таҳқиқи хусусиятҳои таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ зикр кардааст, ки хусусиятҳои асосии сохтори захираҳои молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар миқдори ками сармояи худӣ, ҳиссаи пасти он дар дороиҳо, бартарии уҳдадориҳои кӯтоҳмуҳлат, ки имконияти сармоягузориҳои дарозмуҳлатро маҳдуд мекунанд, ифода меёбанд. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки дар шароити имрӯз яке аз сарчашмаҳои муҳими ташаккули захираҳои молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ҷалби амонатҳо (пасандозҳо) мебошад. Захираҳои амонатӣ (пасандозӣ) пойгоҳи муҳимеро ташкил медиҳанд, ки бонк метавонад дар асоси онҳо фаъолияти фоидаовари худро ба роҳ монад. Барои истифодаи оқилона ва ҳарчи босамар захираҳои пасандозӣ вобаста ба доштани хусусиятҳои муайян ва дар асоси имконияти истифодаашон дар ояндаи тӯлонӣ ба намудҳо тасниф карда мешаванд, (саҳ. 52).

Муҳаққиқ ҳангоми таҳқиқи зербоби мазкур ба хулосае омада аст, ки ба хотири ҷалби устувори захираҳо барои бонк, таҳияи сиёсати пасандозӣ, ки бо вазифаҳои тактикӣ ва стратегии дар оинномаи бонк муқарраргардида, аз ҷумла ба даст овардани фоидаи баландтарин ва

зарурати нигоҳ доштани пардохтпазирии бонк муайян мегардад, муҳим аст, (саҳ. 61).

Дар боби дуюм «**Таҳлили устувории фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ**» номгузорӣ карда шуда, дар он таҳлили раванди барқароршавии баъдибуҳронии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушкилоти таъмини устувории молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ, арзёбии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст, (саҳ. 62-115).

Дар зербоби 2.1. ҳангоми таҳлили раванди барқароршавии баъдибуҳронии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз медорад, ки сарфи назар аз тамоюлоти мусбати нишондиҳандаи қарздиҳии бонкҳо ба соҳаҳои иқтисодиёт дар мамлакат мушкилоти норасоии захираҳои молиявӣ баръало ба назар мерасад. Паёмадҳои номатлуби буҳрони молиявии ҷаҳонӣ, мушкилоти давомдори бозоргирӣ ва пардохтпазирӣ дар низоми бонкӣ ба сифати пасти захираҳои молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, мушкилоти табдили пасандозҳо ба сармоягузорӣ ва манбаъҳои кӯтоҳмуҳлат ба сармоягузориҳои дарозмуҳлат, камбудиҳо дар идоракунии дороиҳо, уҳдадориҳо ва таъмини пардохтпазирии

онҳо баръало ишорат мекунанд, (сах. 66). Ҳангоми таҳлили ҷадвали 2.1.2 ба назар мерасад, аз соли 2009 то соли 2014, ки марҳилаи асосии таъсири буҳрони молиявии ҷаҳонӣ ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва оғози буҳрони бонкӣ дар мамлакат мебошад, ҷалби пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз ҷониби бонкҳо ҳамасола зиёд шудааст. Таҳлилҳои муҳақиқ нишо дод, ки суръати афзоиши маблағи пасандозҳои аз ҷониби бонкҳо ҷалбшуда нисбат ба соли пешин дар соли 2010 – 138%, соли 2011 – 121%, соли 2012 – 110%, соли 712013 – 107% ва дар соли 2014 – 129%-ро ташкил додааст. Нишондиҳандаи мазкур дар давраи баррасишуда ба андозаи 2,5 маротиба афзоиш ёфтааст. Дар ҳамин давра нишондиҳандаи қарздиҳии бонкҳо низ зиёд шудаас, (сах. 71).

Аз рӯйи таҳқиқоти дар зербоби 2.2. анҷомшуда маълум гардид, ки барқарорсозӣ ва нигоҳдории устувории молиявӣ, бартараф кардани сабабҳои норасоии захираҳои молиявӣ имкон медиҳад, ки рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратии алоҳида ҳамчун унсурҳои асосии низоми бонкӣ баланд бардошта шавад. Вале ин масъалаи бағоят душвор аст ва барои ҳалли он дар шароити имрӯза дар мамлакат якчанд омилҳои номатлуб монеа мешаванд, аз ҷумла: пайваста паст шудани обрӯи бонкҳои тиҷоратӣ дар назди мизоҷон, пеш аз ҳама аҳолӣ, ки аз

оғози бухрони молиявӣ то имрӯз идома дорад, номукаммал будани низоми идоракунии кормандон, ҷалби мутахассисон ва интихоби роҳбарият, мавҷуд будани ҳолатҳои зиёди тавассути шиносбозӣ ва хешутаборӣ ба кор қабул кардан дар ташкилотҳои қарзӣ, аз ҷониби мизоҷон ба бонк ва ҳамчунин аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ ба мизоҷон пешниҳод шудани иттилооти нодуруст, напардохтани қарзҳои додашудаи бонкҳои тиҷоратӣ, мушкилоти ҳуқуқии масъалаи талаб кардани қарзҳо, мураккаб будани расмиёти ин раванд ва арзёбии номукаммали хавфҳои қарзӣ, (саҳ. 93).

Дар зербоби 2.3. муаллиф иброз медорад, ки дар ҳалли мушкилоти методологӣ ҳангоми арзёбии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, хусусан дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ барои амалӣ намудани фаъолияти даромадовари онҳо тамоюли ба меъёрҳои байналмилалӣ наздик кардани усулҳои арзёбии вазъи захираҳои молиявӣ ва устувории молиявӣ мушоҳида мешавад ва ин кор дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мешавад. Илова бар ин, кӯшиши фарогир кардани таҳлил бо шумораи зиёди омилҳо ва ҷанбаҳои таъсиркунанда муҳим аст, (саҳ. 96).

Дар боби сеюм **«Самтҳои рушди таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ»** такмили амсилаи танзими низоми бонкӣ бо мақсади таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, таҳкими устувории молиявии бонки тиҷоратӣ дар асоси идоракунии пардохтпазирӣ ва даромаднокӣ, истифодаи воситаҳои маркетинг барои ҷалби захираҳои озоди молиявӣ, таъмини мизоҷон бо қарзҳо ва сармоягузориҳои бонкӣ мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ қарор гирифта аст, ( саҳ. 116-162).

Таҳқиқоти зербоби 3.1. нишон дод, ки амсилаи амалкунандаи танзим ва назорати бонкӣ ба таъмини устуворӣ ва эътимоднокии молиявии унсурҳои алоҳидаи низоми бонкӣ равона гардида, вазифаҳои худро оид ба таъмини устувории умумии молиявии низоми бонкӣ пурра ва самаранок иҷро намекунад (саҳ. 118). Ба андешаи муаллиф барои такмили амсилаи танзими низоми бонкӣ бо мақсади таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ таъмин намудани чунин ҷиҳатҳои фаъолият дар низоми бонкӣ зарур аст: такмили пойгоҳи захиравии бонкҳои тиҷоратӣ ба хотири густариши намудҳои нави фаъолият бо истифода аз технологияҳои нави бонкӣ, тавсеаи амалиёти фаъоли низоми бонкӣ бо истифода аз технологияҳои нави бонкӣ, ҷорӣ намудани усулҳо ва таъмини сифати баланди идоракунии корпоративии бонкӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ.

Дар зербоби 3.2. муаллиф таҳқиқ менамояд, ки нишондиҳандаҳои асосии арзёбии устувории молиявии бонки тиҷоратӣ пардохтпазирӣ ва даромаднокӣ мебошанд ва идоракунии дурусти онҳо омили асосии таҳкими устувории молиявӣ бонк мебошад. Зеро арзёбии саривақтӣ ва босифати вазъи молиявии бонки тиҷоратӣ ба устувории фаъолияти низоми бонкӣ, ҳимояи манфиатҳои ҷонибҳои манфиатдор соҳибмулкон, пасандоздорон ва қарздиҳандагони бонк таъсири бевосита мерасонад, (саҳ.132). Муҳаққиқ дар ин зербоб яке аз бонкҳои низомсози кишвар, яъне ҶСК "Бонки Эсхатаро"-ро мавриди таҳлил қарор дода аст. Таҳлилҳои муаллиф нишон дод, ки дар аввали давраи таҳлилӣ, яъне соли 2019 дар таркиби дороиҳои ҶСК «Бонки Эсхата» вазни қиёсии бештарро қарзҳои пешниҳоднамудаи бонк ба мизоҷон якҷоя бо дороиҳои ба иҷораи молиявӣ додашуда ва маблағҳои овердрафт ташкил додаанд, (саҳ. 134).

Дар зербоби 3.3.муҳаққиқ дуруст зикр менамояд, ки сиёсати дурусти пасандозӣ дар шароити муосир аз омилҳои бисёр вобаста мебошад, ки яке аз муҳимтарини онҳо сиёсати маркетингии бонк ва дар доираи он амалӣ намудани чорабиниҳои маркетингӣ барои ҷалби пасандозҳо ва ҷойгиркунии онҳо мебошад (саҳ.149). Ҳоло дар таҷрибаи хориҷии фаъолияти бонкӣ корбурди низоми маркетинги ҳамгиро мушоҳида мешавад, ки ҳадафи он на танҳо ҷалби пасандозгузорон, балки инчунин доимо беҳгардонии сифати хизматрасонӣ ва муносибатҳои некбинона бо онҳо мебошад ва дар шароити муосири низоми бонкии мамлакат онро метавон барои беҳгардонии раванди ҷалби захираҳои молиявӣ ва ҷойгиркунии онҳо истифода бурд (саҳ. 162).

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Дараҷаи этимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ, хулосаҳо оид ба интихоби усулҳо дар раванди таҳлилу таҳқиқи мавзуъ, микдори зарурии маводе, ки дар ҷараёни таҳқиқ истифода шудаанд, этимоднокии манбаъҳои иттилоотии ҷамъовардашудаю коркардшуда оид ба мавзуи мазкур, бо тасдиқи муқаррароти илмии пешниҳодкардаи муаллиф, ки дар рисолаи диссертатсионӣ мавҷуданд, инчунин, нашрияҳо тасдиқ карда мешаванд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва эмприкӣ пешниҳод гардидаанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

**Аҳамияти илмии** таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асосноккунии назариявӣ ва методии таъмини устувории фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ

дар асоси консепсияҳои муосири иқтисодӣ зоҳир мешавад. Дар диссертатсия аз ҷиҳати назариявӣ мундариҷаи иқтисодии мафҳуми “устувории молиявӣ” ва “суботи молиявӣ” таҳқиқ шудаанд. Муқаррароти илмӣ ва тавсияҳои амалии дар кори диссертатсионӣ таҳияшуда имкон медиҳанд, ки дар сатҳи нисбатан баланди илмӣ ва методӣ, ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии таъмин ва таҳкими устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, таҳлил ва арзёбии нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи кифоятии сармоя, сифати дороиҳо, пардохтпазирӣ ва даромаднокии бонкӣ ҳалли ҳамаҷонибаи худро ёбанд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Аҳаммияти амалии таҳқиқ аз он иборат аст, ки нуктаҳои консептуалӣ ва тавсияҳо барои ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии рушди нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон замина гузоштааст. Ҳангоми баррасии мавзуъ, муаллиф ба равияҳои консептуалӣ, ки дар монографияҳои илмӣ, маводи конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ҳисоботи илмии марказҳои намоёни илмӣ баён гардидаанд, инчунин, ба қонунҳо, стратегияву барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намудааст. Натиҷаҳои алоҳидаи диссертатсия дар фаъолияти филиали ҶСК «Бонки Эсхата» дар шаҳри Кӯлоб ва филиали минтақавии ҶСК «Коммерсбонки Тоҷикистон» дар шаҳри Кӯлоб татбиқ шудаанд, ки бо санадҳои дахлдор тасдиқ шудааст.

**Аҳамияти иқтисодӣ натиҷаҳои диссертатсия** дар он аст, ки пешниҳодҳои оварда шуда метавонанд рушди таъмин ва таҳкими устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ бештар аз методикаҳои таҳлил ва арзёбии нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи кифоятии сармоя, сифати дороиҳо, пардохтпазирӣ ва даромаднокии бонки тиҷоратӣ мусоидат кунад. Муҳтавои иқтисодии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ вобаста ба вазъи кунунии низоми бонкӣ ифшо карда шудааст, мушкилоти таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ муайян ва арзёбӣ карда шудаанд, методикаҳои таҳлил ва арзёбии нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ва идоракунии онҳо такмил дода шудааст.

**Аҳамияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия**. Мукараротҳои диссертатсия барои васеъ намудаи аҳамияти иҷтимоии таъмини устувории низоми бонкӣ мусоидат мекунад. Яке аз хусусиятҳои асосии таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ дар мамлакат ин аст, ки сарфи

назар аз меъёрҳои баланди фоизи қарз, талабот ба қарз меафзояд ва ҳоло дар бозори молиявии мамлакат бонкҳои тиҷоратӣ ин талаботро пурра қонеъ карда наметавонанд. Аз ин нуқтаи назар ин имкон медиҳад, ки дороиҳои бонкӣ, даромаднокии бонкӣ, меъёрии кифоягии сармоя, партохтпазирии бонкӣ таъми гардида, ба ин васила хизматрасониҳои бонкӣ беҳтар шуда,вазъи иҷтимоӣ хубтар мегардад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳоитақризшавандаи илмӣ**

Интишороти муаллиф нуқтаҳои асосӣ, навгониҳо, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия дарҷгардидаро фарогир буда, дар маҷмуъ аз рӯйи мавзуи диссертатсия 10 мақолаҳои илмии муаллиф, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба талаботҳои “Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ”**

Диссертатсияи тақризшаванда мутобиқ ба муқаррароти бандщои дахлдори «Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 июни соли 2021, № 267) омода гардида, муқаддима ва бахшҳои он - мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмет, фарзия, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашмаи маълумот ва пойгоҳи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои он, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи иҳтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро дар бар гирифтаанд ва асосҳои илмию амалии онро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамоянд. Ғайр аз ин, меъёрҳои дигари диссертатсия нисбат ба ҳаҷм, истифодаи ҷадвал ва расмҳо, тартиби нигориши феҳристи адабиёт низ ҳангоми навиштани диссертатсия риоя гардидаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои тасдиқнамудани Комиссияи олии аттетсатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №267 аз 30.06.2021) аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз) мутобиқат мекунад.

## Эрод ва тавсияҳо доир ба диссертатсия

Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ дорои арзиши воқеии илмӣ мебошад ва дар баробари муваффақиятҳо дар он камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо моҳияти илмию амалии таҳқиқоти оянда муаллифи рисоларо беҳтар мегардонад:

1. Бисёр ба маврид мебуд, агар қисмати мубрамии мавзуи таҳқиқотро ба стратегияҳои давлатӣ, хусусан Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон баро солҳои 2022-2026 асоснок мекард;
2. Зербоби 1.3. диссертатсия хусусиятҳои таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ номгӯзорӣ карда шуда аст, аммо бо кадом хусусиятҳо устувории бонкҳои тиҷоратиро муайн кардан маълум аст, аз мадди назари таҳқиқот дур мондааст. Хуб мешуд, агар хусусиятҳои муҳими таъмини устувории бонкҳои тиҷоратиро дар шакли модели консептуалӣ инъикос мекард;
3. Агар дар зербоби 2.1. диссертатсия, ки ба таҳлили раванди барқароршавии баъдибуҳронии низоми бонкӣ равона карда шудааст, муҳаққиқ ҳангоми таҳлил ба таҳқиқи муфлисшавии бонкҳо, аз ҷумла ҶСК «Тоҷиксодиротбонк», ҶСК «Агроинвестбонк», ҶСП «Фононбонк» ва ҶСП «Тоҷпромбонк» таввачуҳ зоҳир мекард, сифати зербоби мазкур бозҳам хубтар мешуд;
4. Ҳангоми таҳлили устувории фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ диссертант бо истифода аз маълумотҳои зиёди оморӣ диаграммаҳо ва ҷадвалҳоро таҳия карда, қиёс намудааст, лекин сабабҳои афзоиш ва ё камшави нишондиҳандаҳои ҳаҷми қарздиҳии низоми бонкӣ, дороиҳои бонкҳои тиҷоратии кишвар, ҷалби пасандозҳо норавшан боқӣ монда аст;
5. Зербоби 3.2. диссертатсия ба масъалаи таҳкими устувории молиявии бонки тиҷоратӣ дар асоси идоракунии пардохтпазирӣ ва даромаднокии ҶСК "Бонки Эсхата" бахшида шуда аст. Бе[illegible]тар мешуд барои натиҷагирии ҳолати молиявӣ ва муайян кардани устувории молиявии бонкҳо дар қатори ҶСК "Бонки Эсхата" диғар бонкҳои тиҷорат[illegible], низ, таҳлил ва арзбӣ мегардиданд;
6. Дар хулосабарории диссертатсия бамаврид мебуд, агар аз таҳлили ҷадвалҳо ва диаграммаҳое, ки дар рисола мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, натиҷагирӣ карда мешуд.

Бояд қайд намуд, ки камбудиҳои номбурда ба арзиш ва мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсири манфӣ намерасонад. Аз ин рӯ, таҳқиқоти мазкур кори илмии ба итмомрасида ва дорои арзиши илмӣ дошта буда, навгониҳои илмию амалиро дар худ инъикос менамояд.

## Хулосаи умумӣ доир ба диссертасия

Таҳлилу баррасии диссертатсияи Ҳаёзода Қиёмуддин Амонулло дар мавзуи «Самтҳои таъмини устувории фаъолияти бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ», ки аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод шудааст, таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори**
**кафедраи кори бонкии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Ҳикматов У.С.**

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Ҳикматов У.С.-ро тасдиқ менамоям.

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э.Ш.**

25-02-25

Суроға: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992) 93 931-70-70. E-mail: UShikmatov@gmail.com